

# Бахши V

## ХУЛОСАҲО

# Бахши 5 Хулосаҳо

## 5.1. Афзоиши шумораи корбарон дар пасманзари камшавии маҳдудиятҳои синнусолӣ

Ба ҳисоби миёна хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар Тоҷикистон нисбат ба наврасони аврупоӣ ва рус дертар корбари Интернет мешаванд. Бо вуҷуди ин, маълумоте, ки дар ҷараёни як таҳқиқот дар байни наврасони шаҳри Душанбе дар соли 2019 ба даст омадааст, нишон медиҳад, ки дар самти коҳиши маҳдудияти синну сол барои кӯдаконе, ки аз Интернет истифода мебаранд ва афзоиши корбарони нави фаъоли шабака дар Тоҷикистон дақиқан як раванди нав ба мушоҳида мерасад. Афзоиши фаъол шудании корбарон аз синфҳои 8-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёна ба назар мерасад.




*Расми.5. Эквиваленти миқдории истифодабарӣ аз шабакаи Интернет- технологияи алоқаи бесим (маълумот аз таҳқиқоти худӣ).*

Сарфи назар аз он, ки мактаббачаҳои тоҷик дертар ба истифода аз Интернет шурӯъ мекунанд, он шадидтар суръат мегирад ва басомади истифодаи Интернет бо афзоиши синну сол зиёдтар мешавад.

Имконоти муосири техникӣ ба кӯдакон дар шаҳрҳои калон иҷоза медиҳад, ки қариб дар ҳама ҷо ба шабакаи ҷаҳонии Интернет дастрасӣ пайдо кунанд: ба ин дастгоҳҳои мобилӣ мусоидат мекунанд, ки метавонанд дар ҳама ҷо бошанд (қаҳвахонаҳо, дӯконҳо, боғҳо, муассисаҳои таълимӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ), ки дар он ҷо сигнали мобилӣ ва нуқтаҳои дастрасии ройгон ба Интернет вуҷуд доранд.

Масалан, дар шаҳри Душанбе зиёда аз 20 нуқтаи ройгон мавҷуд аст, ки аз ҷониби донишҷӯён ва ҳам мактаббачагон фаъолона истифода бурда мешаванд. Ҷойҳои

маъмултарин дар байни наврасони шаҳр инҳоянд: боғи Садриддин Айнӣ, боғи Курӯши Кабир ва бинои дафтари ширкати мобилии Tcell.

Бо лутфи ин имкониятҳо, хидматрасониҳои Интернетие, ки имконияти бевоситаи намоиш додани зиндагии хусусиро дар шабака доранд, маъруфият пайдо кардаанд ва наврасон аз ин фаъолона истифода мебаранд. Онҳо аксҳои ҳодисаҳоро дар ҳамин ҷо ва ҳамин ҳоло мубодила мекунанд, дар ҷойҳои гуногун ба қайд мегиранд, дӯстони воқеӣ ва маҷозиро дар шабакаҳои иҷтимоӣ дастгирӣ мекунанд [62].

Тибқи маълумоти ба даст омада, ба ҳисоби миёна, кӯдакон дар як рӯз беш аз ду соатро дар назди компютер мегузаронанд, аммо чунин бовар кардан асос дорад, ки баъзе мактаббачагон ба маънои аслӣ «дар Интернет зиндагӣ мекунанд» ва қариб 24 соат дар як шабонарӯз онлайн мебошанд. Чунин будубоши тӯлонӣ дар Интернет ва коҳиш ёфтани синну соли истифодабарандагони Интернет, барои рушди рӯҳӣ ва ҷисмонӣ ва инчунин намудҳои гуногуни вобастагӣ аз Интернет хавфи калонро ба вуҷуд меорад [63]. Ба суоли он, ки кӯдакон дар куҷо худро беҳтар ҳис мекунанд, 70% пурсидашудагон гуфтанд, ки худро дар ҳаёти воқеӣ роҳаттар ҳис мекунанд.




*Расми 6. Эквиваленти миқдории ҳузури бароҳат дар зиндагии воқеӣ ва дар Интернет (маълумот аз тадқиқоти худӣ).*

### 5.2. Тафовутҳои ҷинсӣ ва синнусолӣ

Дар таҳқиқоти муосири сотсиологӣ бо кӯдакон аз синни 12-солагӣ ва калонтар мусоҳиба мекунанд. Мутобиқсозии саволнома барои мактаббачагони аз 13 то 18-сола шароит фароҳам овард, ки пурсиш аз рӯи категорияҳои синнусолӣ гузаронида шавад ва ин имкон дод, стратегия ва хусусиятҳои истифодаи Интернет вобаста ба синну сол ва динамикаи ин тағйироти синнусолӣ таҳлил карда шавад.

Тадқиқот нишон дод, ки бо рушди синну сол нишондиҳандаҳои фаъолият дар Интернет меафзоянд: вақти ҳузур дар Интернет бештар мешавад, доираи фаъолиятҳо дар вақти воқеӣ васеъ мегарданд, шумораи тамосҳо зиёд мешаванд. Дар баробари ин, басомади бархӯрдҳо бо хатарҳои онлайнӣ низ меафзояд: кӯдакони калонсол бештар қурбонии кибербуллинг мешаванд ва бештар бо мундариҷаҳои хатарнок, қаллобӣ ва найрангбозӣ дучор меоянд.

Додаҳои тадқиқоти мо шаҳодат медиҳанд, ки писарбачаҳо ва духтарон аз шабакаи Интернетӣ дар сатҳи баробар истифода мекунанд, аммо муҳтавои фаъолияти

онҳо фарқкунанада аст. Духтарон нисбат ба писарон бештар вориди профилҳои шабакаи иҷтимоӣ мешаванд, аз паёмрасонҳо ва почта истифода мебаранд ва дар шабака аксҳоро мегузоранд. Писарбачаҳо нисбат ба духтарон бештар дар олами маҷозӣ вақташонро мегузаронанд, ба бозиҳои Интернетӣ машғул мешаванд, дар реҷаи вақти воқеӣ видео тамошо мекунад ва аз барномаҳои мубодилаи файлҳо истифода мебаранд.

● Писарон, ба ҳисоби миёна, дар муқоиса бо духтарон бо шумораи бештари одамон онлайн шинос мешаванд. Духтарон нисбат ба писарон каме бештар гузориш медиҳанд, ки дар Интернет бо чизи нохуш ва манфӣ дучор омадаанд. Агар хавфу хатарҳои мушаххаси онлайниро баррасӣ намоем, писарон ва духтарон ба онҳо ба миқдори баробар рӯ ба рӯ мешаванд. Манбаъҳое, ки наврасон бо хатар дучор меоянд, гуногунанд. Ин метавонад ба фарқиятҳо дар мундариҷаи фаъолиятҳои онлайниашон вобаста бошад. Дар ҷараёни пурсиш, тавзеҳоти зерин дар бораи зуҳуроти кибербуллинг дар Интернет қайд карда шуд:

60% фикр мекунанд, ки одамон дар Интернет дигаронро барои он таҳқир мекунанд, ки ин хандаовар аст;

50%, бар онанд, ки ин роҳи бехавф барои изҳори эҳсосот аст;

45% боварӣ доранд, ки таҳқири Интернетӣ роҳи интиқом гирифтан аст;

15% фикр мекунанд, ки дар шабака онҳоеро озор медиҳанд, ки ба ин сазоворанд;

## ШАВҚУ РАҒБАТ

БАЧАҲО
- Бозиҳо
- Видеои онлайнӣ
- Хидматрасониҳои табодули файлҳо
- Аксҳо

ДУХТАРОН
- Шабакаҳои иҷтимоӣ
- Паёмрасонҳо
- Почта
- Аксҳо ва видеоҳои кутоҳ (вайнҳо)



*Расми 7. Тафовути манбаъҳои Интернетие, ки наврасон вобаста ба ҷинс мароқ зоҳир мекунад*

Ғайр аз он, духтарон ба хавфҳои онлайнӣ ҳассостаранд: онҳо нисбат ба писарон зуд-зуд ва бештар маҳзун мешаванд. Ҳангоми мубориза бо хавфҳо, писарон каме бештар аз тактикаи фаъол кор мегиранд ва мушкилотро ҳал мекунанд. Ҳангоми сӯҳбат духтарон нисбат ба писарон (60%) бештар дастгирии волидайнро эҳсос мекунанд (72%). 88% наврасон (39,5% духтарон ва 48,5% писарон) метавонанд ба волидони худ дар бораи мушкилоташон нақл кунанд.




*Расми 8. Эквиваленти миқдории муроҷиати наврасон ба калонсолон дар ҳолатҳои мавҷудияти хатарҳои Интернетӣ (тибқи таҳқиқоти мо)*

### 5.3. Фаъолиятҳои гуногун

Намудҳои фаъолият дар Интернет хеле гуногунанд ва ҳар як наврас метавонад барои худ чизи ҷолиб пайдо кунад [45]. Азхудкунии намудҳои гуногуни фаъолият дар Интернет асоси иҷтимоигардонии онлайнӣ мебошад. Маълумоти таҳқиқотии мо нишон медиҳад, ки мактаббачаҳо кӯшиш мекунанд, ки тақрибан ҳама намудҳои имконпазири фаъолиятро дар Интернет азхуд намуда, пеш аз ҳама ба фаъолияти муошират бартарӣ диҳанд.

Шабакаҳои иҷтимоӣ чизест, ки махсусан кӯдакон ва наврасонро дар Интернет ҷалб мекунанд. Ҳангоми мулоқотҳо зиёда аз 75% наврасон қайд карданд, ки онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ профил доранд ва қариб сеяки онҳо бештар аз як профил дар сомонаҳои гуногун доранд. Ғайр аз он, наврасон Интернетро барои омӯзиш, боргирии мусиқӣ ва видео, гузоштани аксҳои худ ва сӯҳбат истифода мебаранд. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ, сеяки кӯдакони пурсидашуда дорои профилҳои барои тамоми ҷаҳон кушодаанд. Аз 50% то 80% наврасон ному насаб, синну соли дақиқ ва рақами мактабашонро дар Интернет мегузоранд. Шабакаҳои иҷтимоӣ ба густариши алоқа мусоидат мекунанд, аммо дар айни замон, мафҳуми дӯстӣ ва дӯстро беқурб мекунанд. Ҳисоби шахсии (аккаунти) ҳар як наврас дар шабакаҳои иҷтимоӣ беш аз 100 дӯст дорад. Дар ин марҳила бояд бо ҳамкории муштарак дар бораи Интернети бехатар, на танҳо дар муассисаҳои таълимӣ, балки дар сатҳи оила ҳам маълумот дод, зеро 47% пурсидашудагон ҳангоми дар хона будан ба шабакаи ҷаҳонии Интернет дастрасӣ доранд.

ДАР ХОНА КОМПЮТЕР БА ИНТЕРНЕТ ПАЙВАСТШУДА ДОРЕД?




*Расми 9. Эквиваленти мавҷудияти воситаҳои техникӣ ва пайвастшавии онҳо ба шабакаи Интернет дар шароити хона (тибқи таҳқиқоти мо)*

**5.4. Хатар (таваккал) ва зарар**

Бештар аз нисфи наврасон чунин мешуморанд, ки шояд дар Интернет барои синну соли онҳо ягон чизи баде вуҷуд дошта бошад ва ҳар як нафари чорум иқрор шуд, ки дар Интернет ба чизе дучор омадааст, ки ӯро хиҷил ва нороҳат карда, ба фикр водор сохтааст, яъне барояш надидани он беҳтар буд [46].

Дар байни хатарҳои онлайнӣ наврасон аксар вақт ба хавфҳои мундариҷа дучор меоянд: зиёда аз сеяки кӯдакони 13-18 сола (43.2%) дар Интернет бо мундариҷаи хусусиятҳои шаҳвонидор дучор омадаанд ва ҳар кӯдаки дуввуми ҳамин синну сол (32%) бо вебсомонаҳое дучор омадааст, ки дар онҳо таҳдидҳо ба саломатӣ ва некӯаҳволии ҷисмонӣ, инчунин зӯроварӣ ва нафрати нажодиро таблиғ мекунанд.

Хавфҳои муоширатӣ камтар маъмуланд. Бо вуҷуди ин, аз ҳар панҷ кӯдак як нафар гирифтори сайберозорӣ шудааст ва тақрибан сеяки наврасон (62,8%) дар Интернет паёмҳои дорои хусусияти шаҳвониро дидаанд ё шахсан гирифтаанд. Илова бар ин, қариб ҳар як кӯдаки дуюм ҳангоми вохӯриҳо эътироф мекард, ки ӯ дар шабака бо касе сӯҳбат кардааст, ки дар зиндагӣ бо ӯ рӯ ба рӯ гуфтугӯ накардааст.

Давомнокии стресси кӯдакон аз рӯ ба рӯ шудан бо хавфҳои онлайнӣ, вобаста ба намуди хатарҳо фарқ мекунад. Хатарҳои мундариҷавӣ- маводе (матнҳо, тасвирҳо,файлҳои овозӣ ва видеоӣ, истинодҳо ба манбаъҳои тарафи сеюм) мебошанд, ки дар онҳо зӯроварӣ, таҷовуз, эротика ва порнография, суханони қабеҳ, иттилооти барангезандаи адовати нажодӣ, таблиғи беиштиҳоӣ ва пурхӯрӣ (анорексия ва булимия), худкушӣ, қимор, маводи мухаддир ва ғайра.мавҷуданд. Шумо метавонед бо онҳо қариб дар ҳама ҷо рӯ ба рӯ шавед. Инҳо сомонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ, блогҳо, торрентҳо ва сомонаҳои наворӣ, умуман ҳама чизҳое ҳастанд, ки ҳоло дар Интернет вуҷуд доранд. Аксаран чунин мавод метавонад аз ҷониби шахси ношинос, тавассути почта, дар шакли спам ё паёмак фиристода шавад.

Хавфҳои мундариҷавӣ барои кӯдакон ва наврасон камтар нороҳаткунандаанд. Ҳар як мактаббачаи шашум бо тасвирҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки онҳоро ба гунае ба ташвиш меовард ва дар аксари ҳолатҳо, кӯдакон нороҳатиро зуд паси сар мекунанд ва танҳо барои шумораи хеле кам ин нороҳатӣ тӯли якчанд рӯз идома меёбад.

Секстинг ва вохӯрӣ бо шиносҳои онлайнӣ ба ҳисоби миёна аз ҳар панҷ нафар якеро ғамгин мекунад. Маълумоти мо нишон медиҳад, ки фишори бештар ба кӯдакон аз азияту озорҳои сайберӣ мерасад. Кӯдакони пурсидашуда, ки қурбонии таҳдидҳои кибербуллинг шудаанд, онро ҳамчун як ҳодисаи фишоровар эҳсос мекунанд ва тақрибан ҳар як кӯдаки сеюм, новобаста аз синну сол, ин ногувориро муддати якчанд рӯз ё бештар таҳаммул мекунад.




*Расми.10. Эквиваленти хавфҳои Интернетӣ (маълумот аз таҳқиқоти мо)*

### 5.5. Миёнаравӣ (медиатсия)

Манъкуниҳо ва маҳдудсозиҳо басомади истифодаи Интернетро тамоман коҳиш медиҳанд: кӯдаконе, ки волидонашон чунин тадбирҳо меандешанд, камтар ба Интернет ворид мешаванд, камтар бо маводи шаҳвонӣ ва манфӣ дучор меоянд ва бо шиносҳои онлайнӣ камтар вомехӯранд [64]. Аммо, ҳангоми дучор шудан бо мушкилот, чунин кӯдакон ғайрифаъолтар ва осебпазиртаранд: ба ҷойи ҳалли фаъолонаи мушкилот, онҳо аз истифодаи Интернет даст мекашанд. Ғайр аз он, самаранокии манъкуниҳо бештар аз хусусияти кӯдак ва фаъолиятҳое, ки вай дар Интернет мегузаронад, вобаста аст.

Назорати волидайн амалан ба шиддатнокии бархурдҳо бо хавфҳои Интернет таъсир намерасонад: кӯдаконе, ки таҳти назорат қарор мегиранд, танҳо андаке камтар аз Интернет истифода мебаранд ва бо одамони ношинос камтар муошират мекунанд [40]. Фаҳмонданҳо ва подошҳои волидайн низ ба басомади бархӯрд бо хавфҳо таъсири назаррас (калон) намерасонанд (кӯдакон Интернетро каме камтар истифода мебаранд, инчунин паёмҳои дорои хусусияти ҷинсиро мегиранд ва бо одамони ношинос дар Интернет муошират мекунанд), аммо чунин кӯдакон ҳангоми бархӯрд бо хавфҳои Интернет камтар азоб мекашанд ва фаъолонатар онҳоро пушти сар мекунанд. Асосан, аз амалҳои волидон вобаста нест, ки оё кӯдак, масалан, дар Интернет ба кибербуллинг дучор меояд ё не, ё қурбонии чунин ҷиноятҳо мешавад. Ин нишон медиҳад, ки волидон аз чунин таҳдидҳо кам огоҳанд ва намедонанд, ки дар чунин ҳолатҳо чӣ кор кунанд.

Бо омӯхтани сарчашмаҳо ва маълумот оид ба ин масъала, зарур аст, ки хусусиятҳои мавҷудаи кибербуллинг, намудҳо ва технологияҳои он равшан карда шаванд. Пас аз пурсиш ва вохӯриҳо бо намояндагони бахши маорифи шаҳри Душанбе, дар асоси натиҷаҳои бадастомада ва маълумот аз таҷрибаи ҷаҳонӣ, инчунин хусусиятҳои мавҷудаи падидаи кибербуллинг, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки «кибербулинг-сайберозорӣ - барои хонандагони мактаб хатари воқеӣ ва таҳдид дорад ва аз бисёр ҷиҳат оқибатҳои он пурра арзёбӣ нашудааст (*Гулова Фариштамоҳ, коршиноси технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ*.)

Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии мо тасаввуроти дақиқ надоранд, ки агар худашон қурбонӣ ё гирифтори ҳамлаҳо ва террор дар Интернет шаванд, чӣ кор бояд кунанд. Дар асоси маводи ҷамъоваришуда дар мавзӯи кибербуллинг, мо тавсияҳо оид ба коҳиш додани хавфи зӯровариро дар Интернет пешниҳод менамоем.

